**Тақриз**

**ба диссертатсия ва автореферати Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Истилоҳшиносӣ яке аз бахшҳои муҳимми луғатшиносӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқу омӯзиши он таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷик ва хориҷиро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст.

Дар истилоҳот хусусиятҳои умдаи ҳар як соҳа зоҳир мешавад. Аз ин рӯ таҳқиқи муфассали истилоҳот, бахусус истилоҳоти забоншиносӣ, қобили таваҷҷуҳ аст, чунки омӯзиши таркиби луғавии забон имконият фароҳам меоварад, то ки равоншиносӣ, маънавиёт, кайфияти зеҳнии миллати соҳиби забон амиқан дарк карда шавад. Феълан дар шароити рушди забонҳои миллӣ ва ҳамгироии пурвусъат, ғанӣ ва наздик шудани тамаддунҳо масъалаи зарурати таъйини ҳодисаҳои забон дар заминаи таҳлили муқоисавӣ-типологӣ аҳаммияти бештареро ба худ касб намуда истодааст. Дар ин радиф омӯхтани низоми истилоҳоти соҳаҳои мухталифи забонҳои хешу бегона аз нуқтаи назари муқоисавӣ-типологӣ аз аҳамият холӣ нест.

Аз замони шинохти истилоҳ ба сифати луғоту вожагони марбути ин ё он соҳа, миқдори зиёди таҳқиқоту пажӯҳишҳо бахшида ба масъалаҳои истилоҳшиносиву истилоҳгузинӣ ва низоми истилоҳоти забонҳои мухталиф аз ҷониби муҳаққиқони барҷастаи тоҷику рус ва хориҷӣ, амсоли М. Ҳ. Султон, С. Назарзода, П. Нуров, Қ. Тӯраҳасанов, С. Ҷоматов, А. Реформатский, В. Даниленко, М. Лейчик, Ҳ. Свит, Ҷ. Ҷоунз ва дигарон ба анҷом расидаанд. Новобаста ба ин, то ҳол масъалаҳои умдаи ин илм номуайян ва баҳсангез боқӣ мемонанд. Метавон гуфт, ки ихтилофи назарҳо ба муҳимтарин ҷанбаҳои истилоҳот аз қабили аломатҳои асосӣ, ҳаҷму ҳудуд, методҳои таҳқиқ, алоқаи он бо калимаҳои умумиистеъмол ва ғайра ба назар мерасанд. Аз сабаби то ба имрӯз мавҷуд набудани диду назари ягона оид ба маҳаки асосии ин илм таҳқиқи назариявии низоми истилоҳоти забонҳо номукаммал боқӣ мемонанд, зеро доир ба ҳалли ин ё он масъалаи истилоҳот муносибатҳо мухталиф ва гоҳе мухолифи якдигаранд.

Мавҷуд набудани пажӯҳиши комил ва системанок дар мавзуи хусусиятҳои типологии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ баёни гуфтаҳои болост.

Лозим ба ёдоварист, ки дар забоншиносии муосир истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ қисман дар рисолаву монографияҳо, дар таҳлилу баррасии низоми истилоҳотии забонҳои фавқуззикр мавриди назар қарор гирифтаанд, аммо таҳқиқи мукаммали он дар заминаи маводи фаровони забонӣ бо назардошти ҳамаи қабатҳои услубии таркиби истилоҳоти забонҳо ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, истилоҳоти забоншиносии забонҳои

гуногуннизому гуногунсохтори тоҷикӣ ва олмонӣ то ба имрӯз мавриди таҳқиқи типологӣ қарор нагирифтаанд.

Мубрамии таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки қолабҳои сохторӣ, унсурҳои таркибӣ, воситаи алоқаи байни ҷузъҳои истилоҳиборахо ва тобишҳои маъноии онҳо муқоиса гардида, дар ин замина хосиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи сохторӣ, луғавӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносии забонҳои муқоисашаванда муайян мешаванд, ки минбаъд ба таҳқиқи масъалаҳои истилоҳот мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз рӯйи мазмуну муҳтаво, мундариҷа ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Дар муқаддима оид ба аҳамияти мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ маълумот дода шуда, саҳми онҳо дар таҳаввули масъалаҳои истилоҳшиносиву истилоҳгузини забонҳои мавриди назар баён гардидааст. Ҳамчунин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххасан таъкид гардида, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқот, маводҳои истифодагардида ва нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, зикр гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», ки аз чор фасл иборат аст, сухан дар бораи мафҳуми истилоҳ ва таснифоти мавзуии истилоҳоти овошиносӣ меравад. Ҳамзамон, дар боби мазкур, ҳар як истилоҳи овошиносии забонҳои муқоисашаванда аз нигоҳи сохтор ба якҷузъаву бисёрҷузъа гурӯҳбандӣ мешаванд.

Боби дуюми диссертатсия ба таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шуда, муаллиф хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти сарфи забонҳои таҳқиқшавандаро таҳлилу баррасӣ кардааст.

Дар боби сеюм хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти мансуби наҳви забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ таҳлилу баррасӣ мегарданд. Ҷой доштани падидаҳои сермаъноӣ, ҳамгунӣ, муродифот ва мутазод дар низоми истилоҳоти наҳв низ дар ҳамин боб таҳлилу муқоиса мегарданд.

Дар хулосаи умумии диссертатсия натиҷаи кор дар 12 нукта ҷамъбаст гардида, нақшаи корҳои минбаъдаи муаллиф муайян гардидаанд.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назарраси илмӣ рисола аз камбудиву норасоӣ орӣ нест, ба монандӣ:

1. Дар боби якуми рисола ягон сухане аз нақши олимону мутафаккирони форсу тоҷик, амсоли Абуали ибни Синову, Абунасри Форобӣ, Насируддини

Тусиву Хоҷа Ҳасани Нисорӣ намеравад, зеро нақши эшон дар ташаккули истилоҳоти овошиносии форсу тоҷик бағоят бузург аст. Агар муаллиф аз он истилоҳоте, ки дар таълифоти олимони зикршуда ҷой дорад, ёдовар мешуд, арзиши илмии рисола боз ҳам баландтар мегардид.

2. Дар бахши «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллиф аз он рисолаҳое, ки дар муқоисаи забони тоҷикӣ бо забонҳои дигари хориҷӣ таҳқиқ шудаанд, ёдовар мегардид, хеле хуб мебуд, ба монанди рисолаи Ҷӯраева Марҷона (Таҳлили муқоисавии истилоҳоти наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ, 2019), Ғаниева Моҳира (Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикиву франсавӣ, 2021).
3. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (саҳ. 22, 32, 51, 61....) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ дида мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои ишорашуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсири манфӣ нахоҳад расонид, зеро он дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, масъалаҳои дар он ҷойдошта пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна кори илмии бaанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В.Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Сабирова Сановбар Ғаниевна

**Нишонӣ:** 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Сомона: www. msu.tj; E-mail: ssanovbar@mail.ru
Тел.: (+992) 935823202

Имзои Сабирова С.Ғ. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсуси ДДМ ба номи М.В.Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Пирназаров Сорбон Маҳмадназарович

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

«5» феврали соли 2024.